# ҚАРОРИ

# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 25 сентябри соли 2015, №587 шаҳри Душанбе

**«Дар бораи Тартиби вогузор намудани функсияҳои мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак, деҳот, ташкилотҳо ва бастани шартномаи маъмурӣ»**

Мутобиқи моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо мақсади танзими расмиёти вогузор намудани функсияҳои ҳокимияти иҷроия ба мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва ташкилотҳо, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Тартиби вогузор намудани функсияҳои мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак, деҳот, ташкилотҳо ва бастани шартномаи маъмурӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва ташкилотҳо иҷрои Тартиби мазкурро дар доираи ваколатҳои худ таъмин намоянд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 25 сентябри соли 2015, №587
тасдиқ шудааст

**ТАРТИБИ**
**вогузор намудани функсияҳои мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак, деҳот, ташкилотҳо ва бастани шартномаи маъмурӣ**

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби вогузор намудани функсияҳои мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак, деҳот, ташкилотҳо ва бастани шартномаи маъмурӣ (минбаъд-Тартиб) тибқи моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия шуда, расмиёти вогузор намудани функсияҳои дорои хусусияти ёрирасон ё хизматрасонӣ ба аҳолӣ (минбаъд-функсияҳо)-ро аз ҷониби мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба зиммаи мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва ташкилотҳо, инчунин иштироки тарафҳоро дар таҳия, ба имзо расонидани шартномаи маъмурӣ ва амалӣ кардани он муайян менамояд.

2. Амали Тартиби мазкур ба мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва ташкилотҳо, ки дар раванди вогузор намудани функсияҳо иштирок менамоянд, татбиқ мегардад.

3. Ба мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва ташкилотҳо функсияҳои назоратии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ вогузор карда намешаванд.

## 2. ТАРТИБИ ВОГУЗОР НАМУДАНИ ФУНКСИЯҲО

4. Мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ метавонанд функсияҳои худро дар доираи талаботи қонунгузорӣ ба зиммаи мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ё ташкилотҳо вогузор намоянд.

5. Мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ метавонанд функсияҳои худро ба зиммаи мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ё ташкилотҳо дар асоси шартномаи тарафҳо бо маблағгузории функсияҳои мазкур вогузор намоянд.

6. Вогузор намудани функсияҳои мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар ҳолатҳои зайл амалӣ карда мешавад:

-агар чунин имконият тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ ва танзим шуда бошад;

-агар вогузор намудани функсияҳо аз нигоҳи иқтисодӣ асоснок шуда бошад;

-агар ҳангоми иҷрои функсияҳо сифати иҷрои онҳо халалдор нагардад ва ба манфиатҳои ҷомеа зарар наоварад.

7. Бо ташаббуси вогузор намудани функсияҳо метавонанд баромад намоянд:

-мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ;

-Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо;

-Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо;

-мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

-мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, ташкилотҳо.

8. Раванди вогузор намудани функсияҳо чунин сурат мегирад:

-мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, ташкилотҳо бо дархости хаттӣ ва асосноккунӣ дар бораи ба онҳо вогузор намудани функсияҳои дахлдори мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо муроҷиат менамоянд. Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо дархостро омӯхта, дар сурати ҷой доштани зарурат ба мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дархости хаттӣ ва ҳуҷҷатҳои асоснок манзур менамоянд;

-дар дархости мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, ташкилотҳо, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо номгӯи функсияҳои вогузоршаванда, асосҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, асосноккунии иқтисодӣ, зарурат ва мақсади гирифтани функсияҳои дахлдор нишон дода мешаванд;

-мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ пас аз гирифтани дархост масъаларо мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, дар ҳолати асоснок будани он ба ҷаласаи ҳайати мушовара пешниҳод менамоянд;

-пас аз баррасии масъала дар ҷаласаи ҳайати мушовара бо қарори он функсияҳои дахлдори мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ё ташкилотҳо вогузор карда мешаванд;

-қарори ҳайати мушовара дар бораи вогузор намудани функсияҳо ба раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ирсол карда мешавад;

-бо дарназардошти пешбинӣ шудани маблағҳо барои иҷрои функсияҳо раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо қарори ҳайати мушовараро ба баррасии Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод менамоянд;

-пас аз қабули қарори Маҷлиси вакилони халқи дахлдор дар бораи маъқул донистани қарори ҳайати мушовараи мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ қарорҳои ҳайати мушовара ва Маҷлиси вакилони халқи дахлдор ба мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ё ба ташкилотҳо манзур карда мешаванд;

-маҷлиси Ҷамоат, ташкилотҳо қарори Маҷлиси вакилони халқи дахлдорро баррасӣ карда, оид ба вогузор шудани функсияҳои дахлдори мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ё ташкилотҳо қарор қабул менамоянд.

9. Маҷлисҳои вакилони халқ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо низ бо риояи банди 8 Тартиб метавонанд оид ба вогузор намудани функсияҳо ба мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ё ташкилотҳо ба мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дархост пешниҳод намоянд.

10. Мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ метавонанд бе дархости мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Маҷлисҳои вакилони халқ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, ташкилотҳо пас аз омӯзиши масъалаҳои дахлдори маҳаллӣ баъзе функсияҳояшонро ба мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ё ташкилотҳо вогузор карда, бо риояи муқаррароти сархатҳои панҷум-ҳаштуми банди 8 Тартиби мазкур ҳуҷҷатгузорию қабули қарорҳоро анҷом диҳанд.

11. Дар қарорҳои ҳайати мушовараи мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, Маҷлисҳои вакилони халқ, маҷлисҳои ҷамоатҳо, ташкилотҳо, асосҳои ҳуқуқӣ, зарурат ва мақсади вогузор намудани функсияҳо, номгӯи функсияҳои вогузоршаванда, мӯҳлати додани онҳо пешбинӣ карда мешаванд. Дар қарорҳо нишон дода мешавад, ки вогузор намудани функсияҳо бо бастани шартномаи маъмурӣ амалӣ мегардад.

## 3.ТАРТИБИ ТАҲИЯИ ШАРТНОМАИ МАЪМУРӢ БА МАҚОМОТИ ХУДИДОРАКУНИИ ШАҲРАК, ДЕҲОТ, ТАШКИЛОТҲО ВА БАСТАНИ ШАРТНОМАИ МАЪМУРӢ

12. Шартномаи маъмурӣ (минбаъд-шартнома) баъди анҷом додани расмиёти дар банди 8 Тартиби мазкур пешбинишуда байни мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ё ташкилотҳо баста шуда, дар ин хусус ба аҳолӣ иттило дода мешавад.

13. Дар матни шартнома номи мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, ташкилотҳо, ки ба зиммаи онҳо функсияҳо вогузор карда мешаванд, самти фаъолият, зарурати бастани шартнома, вазифаҳо, мақсад, кафолатҳо, мӯҳлати амали шартнома, ҳуқуқу уҳдадориҳо, масъулияти тарафҳо, ваколати тарафҳо, тартиби

тағйир додан ва қатъ намудани амали шартнома, аз ҷумла пеш аз мӯҳлат, расонидани хизматрасонии ройгон ё музднок, шарти пардохти маблағҳо, махфӣ нигоҳ доштани маълумот, суроғаҳои ҳуқуқӣ, имзои тарафҳо ва дигар шартҳо пешбинӣ мешаванд.

14. Шартнома иҷрои шартҳои муайяншударо метавонад ба тариқи ройгон ё музднок пешбинӣ намояд.

15. Дар шартнома оид ба пардохти иҷрои функсияҳо бо розигии тарафҳо гузаронидани маблағ, инчунин дарҷ намудани суроғаҳои ҳуқуқии тарафҳо (суроға, телефон, факс, рақами суратҳисоби бонкӣ, номи бонк, рақами мушаххаси андозсупоранда) муқаррарот муайян карда мешавад.

16. Мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллиии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, ташкилотҳо барои иҷрои шартҳои шартнома ҳуқуқу уҳдадориҳои баробар дошта, вазифадоранд талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намоянд.

17. Шартнома аз ҷониби мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар ду нусха ба забони давлатӣ таҳия гардида, ба ҷониби дахлдор пешниҳод карда мешавад. Шартнома аз ҷониби тарафҳо имзо шуда, бо муҳр тасдиқ мегардад ва ҳар як тараф ҳуқуқи доштани як нусхаи аслӣ ҳуқуқ дорад.

18. Шартнома аз лаҳзаи ба имзо расидан эътибори ҳуқуқӣ пайдо карда, функсияҳо вогузоршуда ҳисоб мешаванд.

19. Дар давраи амали шартнома тарафҳо оид ба вогузор намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои дар шартнома пешбини намудаи худ ба тарафи сеюм ҳуқуқ надоранд.

20. Тағйир додан, боз доштан ва қатъ намудани шартнома бо мувофиқаи тарафҳо тибқи қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад.

## 4.МАБЛАҒГУЗОРИИ ИҶРОИ ФУНКСИЯҲО

21. Дар сурати пешбинӣ шудани пардохти иҷрои функсияҳо дар шартнома бояд меъёр ва ҳаҷми маблағгузорӣ муқаррар карда шавад.

22. Маблағгузории иҷрои функсияҳо аз ҳисоби маблағҳои дар буҷети дахлдори давлатӣ пешбинишуда амалӣ мегардад.

23. Пардохти маблағ барои иҷрои функсияҳо дар асоси меъёрҳои муқарраршудаи мақомоти ваколатдор муайян гардида, тақсимоти он ҷиҳати иҷрои функсияҳо ба мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва ташкилотҳо тибқи тартиби муқарраршудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

24. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳуқуқ доранд барои амалӣ намудани функсияҳои вогузорнамудаи мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ захираҳои молиявӣ ва моддии иловагии худро ҷалб намоянд.

## 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

25. Мӯҳлати пешниҳоди дархости тарафҳо, баррасӣ, қабули қарорҳо, ба имзо расондани шартнома, дар маҷмӯъ, набояд аз се моҳ бештар бошад.

26. Дар сурати ба мувофиқа нарасидан барои вогузор намудани функсияҳо ҷониби дахлдор дар муҳлати як моҳ пас аз гирифтани дархост бо асосноккунӣ оид ба рад ба таври хаттӣ ба ҷониби дигар хабар медиҳад.

27. Баҳсҳои байни тарафҳо ҳангоми иҷрои функсияҳо ба вуҷудомада, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешавад.